# ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ ба рисолаи Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300–Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод мешавад. – Душанбе, 2024. – 173с.**

Забоншиносии муқоисавӣ дар ибтидо тавсифи муқоисавии якчанд забонҳои дунёро дар як вақт ифода менамуд. Ибтидои омӯзишу пажуҳиши забоншиносии муқоисавиро ба интиҳои садаи XVI нисбат медиҳанд, ки он ҳам бошад, аз таълифу тадвини дастурҳои забонҳои миллии мардуми Аврупо оғоз меёбад. Дар он замон, забонҳои миллӣ дар муқоиса бо дигар забонҳои қадима, мисли лотиниву юнонӣ ва олмониву англисӣ то андозае коркард нашуда буданд.

Бояд қайд намуд, ки таҳлили муқоисаии категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқ дар бахши забоншиносии муқоисавӣ маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, рисолаи илмии Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ» таълифоти сариваҷтӣ буда, муаллиф дар он паҳлӯҳои номакшуфи мавзӯъро дар заминаи муқоиса ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Қобили қайд аст, ки мавзуи диссертатсияи мавриди назар ба сархати 9-уми қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503 («Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва ӣлмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025») алоқамандӣ дошта, бо ихтисоси пешниҳодшуда 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Дар забоншиносӣ нахустин маротиба ба таври маҷмуӣ мавзуи категорияи шумора ва шахси феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаву истеъмоли он дар забони англисӣ таҳқиқ шуда, дар хусуси категорияи шахсу шумораи забонҳои муқоисашаванда маълумоти тоза дода шудааст.

Бисёрҷанба будани мавзуи феъл бо фарогирии масъалаҳои муқоисавӣ, умумият ва фарқияти шахсу шумораи феълҳо дар диссертатсияи мазкур муайян карда шудааст. Баъзе ҷанбаҳои баҳсбарангези категорияи шахсу шумора дар забони англисӣ дар замони муосир аз нав таҳқиқ шудаанд. Инчунин якчанд шабоҳату тафовути шахсу шумораи феълҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ ошкор карда шудааст. Роҷеъ ба баъзе ҷанбаҳои категорияи шахсу шумораи феълҳои забонҳои муқоисашаванда ақоиди нав изҳор карда шудааст. Дар низоми дастурии феъли забонҳои муқоисашаванда як қатор муодил ва муродифҳои нав муайян карда шудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия** дар 11 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, ки аз ҷумла 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадаанд. Маврид ба зикр аст, ки мақолаҳои нашргардида мазмуну муҳтавои натиҷаҳои диссертатсияро **пурра таҷассум менамоянд**.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқи** мавриди такриз ба фаровонии ҳаҷми маводи таҳқиқ, муътамадии сарчашмаҳои илмӣ, дақиқии маълумот, таҳлили ҷиддии маводи гирдомада ва ҳаҷми зиёди интишорот алоқаманд мебошад. Шумораи маводи чопнамудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, мувофиқ мебошад.

**Хулоса ва тавсияҳое**, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд, муътамад ба назар мерасанд ва қобили пазиришу баҳрабардорӣ дониста мешаванд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои назариявии таҳқиқ заминаҳои илмию назариявии таҳқиқоти минбаъдаро дар мавзуъҳои марбута тавсеа мебахшад. Натиҷаҳои онро ҳамчунин ҳангоми гузаштани машғулиятҳои назариявӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ, семинарҳо, таҳияи рисолаҳои хатм, диссертатсияҳо ва ғайра, метавон истифода намуд.

**Натиҷаҳои амалии диссертатсияи** мазкурро ташкил ва баргузории машғулиятҳои амалӣ оид ба грамматикаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, забоншиносии муқоисавӣ, тарҷума ва ғайраҳо метавон истифода бурд. Натиҷаҳои он ҳамчунин метавонанд ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ, фарҳангҳо ва ғайраҳо дар доираи забонҳои мавриди таҳқиқ муфид бошанд.

Рисолаи илмии Ҳусайнова Фарида Бозоровна «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ» унвон дошта, аз муқаддима, се боб, 12 фасл, 2 зерфасл ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, методи таҳқиқ, навгониҳои имлии рисола, аҳаммияти назариявии таҳқиқ, моҳияти амалии таҳқиқ, асосҳои назараиявӣ ва методологияи таҳқиқ, нуктаҳои муҳими рисола, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ ва сохтори рисола меравад.

Дар боби якуми рисола «**Таҳқиқи масъалаҳои назарии категорияи шахс ва шумора дар низоми феъл**» масъалаҳое амсоли маънои грамматикии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, шинохти категорияҳои шумора ва шахси феъл дар забоншиносии муқоисавӣ, давраҳои таърихии рушди забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, категорияи

шахсу шумораи феъл дар давраи бостони забонҳои форсӣ ва англисӣ, категорияи шахсу шумораи феъл дар давраи миёнаи забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби мазкур аз се фасл иборат аст. Фасли якум «**Маънои грамматикии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» унвон дошта, муҳаққиқ моро бо таърихи баромади мафҳуми «феъл», таҳқиқи феъл аз ҷониби забоншиносони тоҷику рус ва хусусиятҳои дастурии ин ҳиссаи нутқ ошно месозад.

Фасли дуюм ба таҳқиқи шинохти категорияҳои шумора ва шахси феъл дар забоншиносии муқоисавӣ бахшида шудааст. Дар ин фасл муҳаққиқ бештар ба пажуҳиши феъл аз ҷониби забоншиносни рус А.Х. Востоков, В.Г. Белинский, Ф.И. Буслаев, К.С. Аксаков, А.М. Пешковский, А.А. Потебня, В.В. Виноградов таваҷҷуҳ намуда, нақши онҳоро дар омӯзиши феъл ва категорияҳои грамматикии он баён месозад.

Дар фасли сеюм давраҳои таърихии рушди забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бозтоб мегарданд. Ба андешаи муаллиф: «Агар забони тоҷикӣ ба забони форсии қадим (бостон, муқаддам) аз аввалҳои ҳазорсолаи дуюм то асри IV-III пеш аз мелод, забони форсӣ-дарии миёна аз асрҳои VI-III то мелод (то асрҳои VIII-IX милодӣ) ва забони нави форсӣ-тоҷикӣ аз асрҳои IX-X то инҷониб даврабандӣ гардад, пас, забони англисӣ ба англисии қадима – Old English, (тақрибан аз солҳои 450 пеш аз мелод – то 1100-и милодӣ), давраи англисии миёна (Middle English) 1100 то 1500-и милодӣ ва англисии муосир (Modern English) аз солҳои 1500 то имрӯз гурӯҳбандӣ мешавад» (саҳ. 26-27).

Таҳлили муқоисавии категорияи шахсу шумораи феъл дар давраи бостон ва миёнаи забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ва англисӣ дар зерфаслҳои якуму дуюми фасли сеюм баррасӣ мегардад.

Боби дуюм **«Воситаҳои ифодаи категорияҳои шахс ва шумораи феъли забони тоҷикӣ дар забони англисӣ»** унвон дошта, аз панҷ фасл иборат аст. Дар фаслҳои боби мазкур масъалаҳои категорияи шахсу шумораи феъл дар давраи муосири забонҳои муқоисашаванда, ифодаи

шумора ва шахси якуми феъли забони тоҷикӣ дар забони англисӣ, ифодаи шумора ва шахси дуюми феъли забони тоҷикӣ дар забони англисӣ, ифодаи шумора ва шахси сеюми феъли забони тоҷикӣ дар забони англисӣ, умумият ва фарқияти категорияи шахсу шумораи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлилу муқоиса қарор мегирад.

Боби сеюми диссертатсия **«Вазифаҳои категорияҳои шахс ва шумора дар низоми дастурии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дошта, дар он масъалаҳое амсоли категорияҳои шахсу шумора дар тарзҳои феъли забони тоҷикӣ ва ифодаи он дар забони англисӣ, категорияҳои шахсу шумора дар замонҳои феъли забони тоҷикӣ ва ифодаи он дар забони англисӣ, вазифаҳои категорияҳои шахсу шумора дар сиғаҳои феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, вазифаҳои категорияҳои шахсу шумора дар намудҳои феъли забони тоҷикӣ ва роҳҳои ифодаи он дар забони англисӣ таҳлилу баррасӣ мешаванд.

Ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххаси унвонҷӯ ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳи медиҳад, ки проблемаҳои дар рисола матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад унвонҷӯ натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳамияти назаррраси назарӣ ва амалӣ холӣ нест.

Рисолаи илмии Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосири таълифи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллифи рисола мӯҳтавои рисоларо инъикос менамоянд. Рисолаи мазкур барои хондани курси «Муқаддимаи забоншиносӣ», «Забоншиносии умумӣ», «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Луғатшиносӣ», метавонад мусоидат намояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар асоси меъёрҳои нави

илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фаслҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи бандҳои 31 ва 33, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳим рисола ва фишурда аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Агар боби якум «Заминаҳои назарии таҳқиқи феъл дар забонҳои тоҷикиву англисӣ» унвон мегирифт хуб мешуд, зеро муаллиф якбора ба таҳқиқи маънои грамматикии феъл рӯ овардааст.

2. Муаллиф дар диссертатсия иқтибосоти зиёдеро овардааст, агар назару андешаҳои худро баён мекард, хуб мебуд.

3. Дар рисола таҳлили муқоисавӣ хеле кам ба назар мерасад, муаллиф бештар ба оврадани иқтибосот иктифо намудааст, хуб мешуд, ки бар мабнои мисолҳо ба таҳлилу баррасии мавзуъ таваҷҷуҳ менамуд.

4. Дар бисёр саҳифаҳои кор андешаву назари муаллиф такрор омадаанд (саҳ. 25, 28, 42, 43, 100…..).

5. Дар бештари саҳифаҳои рисола (саҳ. 18, 19 35, 57 .....) ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Фишурдаи рисола бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи рисола оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Дар умум, диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ» ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муқарризи расмӣ тибқи муқаррароти мавҷуда, махсусан, бандҳои 71 ва 72, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 қабул шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

**Муққаризи расмӣ:**
Доктори илми филология, дотсент,
мудири кафедраи назарияи тарҷума ва
услубшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Баротзода Ф.К.

**Нишонӣ:** 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
**Тел.:** 93 455 50 66
E-mail: fedya_b1984@mail.ru

Имзои Ф.К.Баротзодаро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонӣ:** 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
**Тел.:** +992 (37) 224-13-83
**E-mail:** info@tgpu.tj
22.08.2024